**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**ҚАРОР**

аз 26 феврали соли 2026 №75

**ш. Душанбе**

Дар бораи Барномаи баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ барои солҳои 2026-2030

Мутобиқи моддаҳои 4 ва 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Барномаи баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ барои солҳои 2026-2030 ва Нақшаи чорабиниҳои амалигардонии Барномаи баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ барои солҳои 2026-2030 тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2. Бонки миллии Тоҷикистон ҳамоҳангсози амалигардонии Барномаи мазкур ва Нақшаи чорабиниҳои он муайян карда шавад.

3. Вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо амалигардонии Барномаи мазкур ва Нақшаи чорабиниҳои онро таъмин карда, аз ҷараёни иҷрои онҳо ҳар нимсола ба Бонки миллии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

4. Бонки миллии Тоҷикистон доир ба ҷараёни амалигардонии Барномаи мазкур ва Нақшаи чорабиниҳои он ҳамасола то 1 феврал ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

Раиси<br>Ҳукумати Ҷумҳурии<br>Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон

Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «26» феврали соли 2026, №75

Барномаи баланд бардоштани саводнокии
молиявии аҳолӣ барои солҳои 2026-2030

# 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Барномаи баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ барои солҳои 2026-2030 (минбаъд - Барнома) бо мақсади мусоидат ба рушди саводнокии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

2. Барнома дар доираи афзалиятҳои муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025 ва Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, ки дар онҳо ба тақвияти саводнокии молиявии аҳолӣ эътибори хоса дода мешавад, таҳия гардидааст. Зимни таҳияи Барнома таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ, аз ҷумла таҷрибаи давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар самти баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ ба инобат гирифта шудааст.

3. Барнома дар давоми панҷ соли оянда амалӣ карда мешавад ва дар натиҷаи он дониш ва қобилияти истеъмолкунандагони хизматрасонии молиявӣ дар самти истифодаи доираи васеи хизматрасонии баландсифати молиявӣ зиёд гардида, ба талаботи истифодабарии хизматрасонии бозори молиявӣ мутобиқ гардонда мешавад.

4. Сатҳи баланди саводнокии молиявии аҳолӣ ба баланд гардидани сатҳи зиндагӣ, ворид шудани маблағҳои сармоягузорон ба иқтисодиёт, рушди рақобат дар бозорҳои молиявӣ ва таҳкими суботи молиявӣ дар мамлакат мусоидат менамояд. Таҳияи Барномаи баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ барои солҳои 2026-2030 тадбири дахлдор ва зарурӣ барои ҳавасмандгардонии аҳолӣ ба рафтори оқилонаи молиявӣ тавассути баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ, огоҳӣ ва истифодаи хизматрасонии бозори молиявӣ мебошад.

# 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ҶОРИИ САВОДНОКИИ МОЛИЯВИИ АҲОЛӢ

5. Тайи солҳои охир аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ташкилотҳои суғуртавӣ ва шарикони рушд бо мақсади баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ мегарданд, аммо ҳанӯз ҳам нишондиҳандаи мазкур дар сатҳи зарурӣ нест. Дар баробари ин, рушди низоми пардохтӣ,

батадриҷ зиёд гардидани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, бахусус хизматрасониҳои молиявии рақамӣ ва вусъат ёфтани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар мамлакат тақвият бахшидани тадбирҳоро дар самти баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ тақозо менамоянд. Тибқи маълумоти оморӣ ба санаи 31-уми декабри соли 2024-ум дар ҷумҳурӣ 8,4 миллион адад кортҳои пардохтии бонкӣ ба муомилот бароварда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020-ум се маротиба зиёд мебошад ва теъдоди умумии ҳамёнҳои электронӣ 12,1 миллион ададро ташкил дода, нисбат ба соли 2020-ум шаш маротиба афзоиш ёфтааст. Ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои бо пули нақд таъмин кардани дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ 3005 адад банкомат ва 3817 адад терминали электронӣ дар нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд насб намудаанд. Нишондиҳандаҳои мазкур нисбат ба ҳамин давраи соли 2020-ум мувофиқан 133,9 банди дарсадӣ ва 101,0 банди дарсадӣ зиёд мебошанд. Барои анҷом додани пардохтҳои ғайринақдӣ ба санаи 31-уми декабри соли 2024-ум дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ 8138 адад POS-терминал насб карда шуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020-ум теъдоди онҳо 113,5 банди дарсадӣ афзоиш ёфтааст. Дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ 19918 адад QR–рамзи ягона насб карда шудаанд, ки нисбат ба соли 2020-ум ба андозаи 278,2 банди дарсадӣ зиёд мебошад. Шумораи терминалҳои худкори худхизматрасон ба санаи 31-уми декабри соли 2024-ум ба 9107 адад баробар гардид. Ҳаҷми пардохтҳои ғайринақдии молу хизматрасонӣ дар давоми соли 2024-ум ба 30,4 миллиард сомонӣ баробар гардида, ҳиссаи онҳо дар амалиётҳои тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ анҷомдодашуда 26,2 банди дарсадиро ташкил дод.

6. Таҳлили муроҷиатҳои шаҳрвандон, бахусус истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, ки тайи солҳои охир ба Бонки миллии Тоҷикистон ворид гардидаанд, нишон медиҳад, ки омили асосии ба миён омадани қисми зиёди мушкилот ҳангоми истифодабарии хизматрасониҳои молиявӣ ба сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ вобаста мебошанд. Ҳолати мазкур зарурати таҳким бахшидани чорабиниҳои мақсаднокро ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи саводнокии милиявии аҳолӣ талаб менамояд.

7. Бо дархости Бонки миллии Тоҷикистон ва маблағгузории шарикони рушд ширкати тадқиқотии «М-Вектор» моҳи октябри соли 2024-ум мутобиқи чор ҷузъи саводнокии молиявӣ - дониш, рафтор, фарогирӣ ва эътимод дар шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилоятҳои Суғду Хатлон бо 1200 нафар (900 мусоҳибаи шахсӣ ва 300 мусоҳиба бо иштирокчиёни курсҳои омӯзишӣ оид ба саводнокии молиявӣ) мусоҳиба баргузор намуд ва таҳлили арзёбии саводнокии молиявии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро анҷом дод.

8. Ҷиҳати муайян намудани сатҳи саводнокии молиявӣ дар минтақаҳо таҳлили арзёбии саводнокии молиявии аҳолӣ гузаронда шуд. Натиҷаи таҳлил собит намуд, ки дар вилояти Суғд ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 22% мусоҳибон боварӣ доранд, ки дониши молиявиашон аз сатҳи миёна болотар аст, аммо аксарият дар ин минтақаҳо дониши худро миёна арзёбӣ намудаанд (аз 64% то 77%). Дар шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилояти

Хатлон аз 10% то 15% мусоҳибон дониши худро аз ҳисоби миёна болотар арзёбӣ намудаанд.

**Диаграммаи №1. Арзёбии сатҳи саводнокии молиявӣ аз рӯйи минтақаҳо**




9. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки аксарияти мусоҳибон дар минтақаҳо дониши молиявии худро миёна арзёбӣ кардаанд ва он аз доштани малакаҳои ибтидоии дониши молиявӣ шаҳодат медиҳад. Дар баробари ин ҳамчунин зарурати минбаъд баланд бардоштани сатҳи саводнокиии молиявӣ, бахусус дар минтақаҳои дорои сатҳи саводнокии молиявии нисбатан паст ба миён меояд.

10. Ҳангоми муқоисаи посуххои гурӯҳҳои асосӣ (900 нафар мусоҳибони шахсӣ) ва назоратӣ (300 нафар мусоҳибон – иштирокчиёни курсҳои омӯзишӣ) аён гардид, ки фарқияти асосӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мушоҳида мешавад, ки дар онҳо 77% мусоҳибон дар гурӯҳи асосӣ сатҳи дониши молиявии худро дар муқоиса бо гурӯҳи назоратӣ 57% «миёна» арзёбӣ кардаанд. Дар вилояти Суғд баръакс, гурӯҳи назоратӣ натиҷаи каме беҳтар (69% нисбат ба 64% дар гурӯҳи асосӣ) нишон дод. Дар минтақаҳои дигар фарқият ночиз аст. Дар ин раванд мисолҳои истифодаи донишҳои молиявӣ (усулҳои асосии идораи буҷет, сармоягузорӣ ва таҳлили амалиёти молиявӣ) барои қабули қарорҳо дар ҳаёти ҳаррӯза оварда шудаанд. Малакаҳои молиявӣ барои бомуваффақият идора кардани пул дар ҷаҳони муосир муҳим мебошанд. Дар баробари ин ҷиҳати муайян намудани қабули қарори молиявӣ дар оила таҳлил гузаронида шуд. Натиҷаи таҳлил исбот намуд, ки 36% мусоҳибон мустақилона ва 64% якҷо бо ягон нафар қарори молиявӣ қабул менамоянд. Ҳиссаи мусоҳибоне, ки қарори молиявиро дар оила мустақилона қабул менамоянд, дар Душанбе-41%, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ -44%, вилояти Хатлон-31%, вилояти Суғд-33% ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон-34%-ро ташкил медиҳад. Мутаносибан ҳиссаи мусоҳибоне, ки якҷо бо ягон нафар қарори молиявӣ қабул менамоянд, дар Душанбе ба 59%, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ-56%, вилояти Хатлон-69%, вилояти Суғд-67% ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон-66% баробар мебошад.

11. Ҷанбаи дигари муҳимми омӯзиши арзёбии саводнокии молиявии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи идораи буҷети оилавӣ мебошад. Аз натиҷаи

таҳлил бармеояд, ки 62% мусоҳибон буҷети оилавиро ба нақша мегиранд, 36% мусоҳибон буҷетро ба нақша намегиранд ва 2% боқимонда бошад, дар ҷавоб ба ин савол душворӣ мекашанд.

12. Шумораи бештари аҳолие, ки буҷети оилавиро идора мекунад, дар шаҳри Душанбе-78% ба қайд гирифта шуда, дар вилояти Суғд нишондиҳандаи мазкур 65%, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон-65%, дар вилояти Хатлон-60% ва дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 50%-ро ташкил медиҳад.

13. Ҳиссаи бештари мусоҳибон, ки буҷети оилавиро ба нақша намегиранд, дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 49%, вилояти Хатлон 40%, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 34% ва дар вилояти Суғд 31% мушоҳида мешавад. Дар шаҳри Душанбе нишондиҳандаи мазкур 18% аст.

14. Боварӣ ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ нисбат ба 10 соли пеш. Аз таҳлили посухи мусоҳибон аз рӯйи минтақаҳо чунин бармеояд, ки боварии шаҳрвандон ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ нисбат ба 10 соли пеш хеле афзудааст. Ҳамин тариқ 79% шумораи умумии мусоҳибон муносибати худро нисбати ташкилотҳои қарзии молиявӣ беҳтар кардаанд, 14% онҳо то ҳол нобоварӣ зоҳир мекунанд ва 6% боқимонда дар посух ба ин савол душворӣ кашиданд.

**Диаграммаи №2. Муносибат ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ нисбат ба 10 соли пеш, аз рӯйи минтақаҳо**




15. Зимни алоҳида баррасӣ кардани нишондиҳандаҳо аз рӯйи ҷинс 81% мардҳо ва 78% занон ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ эътимод зоҳир кардаанд. Теъдоди ками мардҳо ва занон то ҳол ба хизматрасонии бонкӣ боварӣ надоранд ва ё барои ба саволи мазкур посух додан душворӣ кашиданд.

16. Таҳлили категорияҳои синну сол собит менамояд, ки боварии мусоҳибон ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар муқоиса ба 10 соли қаблӣ афзудааст. Дар гурӯҳҳои аз 25 то 34-сола ва аз 35 то 44-сола боварӣ мутаносибан 83% ва 84%-ро ташкил медиҳад. Сатҳи боварӣ надоштан дар аксари гурӯҳҳои синнусолӣ тақрибан ба 14% баробар мебошад, аммо миёни одамони аз 55-сола боло он нисбатан баландтар буда, 19%-ро ташкил медиҳад.

17. Дар ин қисмат сатҳи огаҳии аҳолӣ дар бораи маҳсулоти гуногуни молиявӣ таҳлил карда шудааст. Арзёбии огаҳӣ тавассути пурсиш оид ба шиносоӣ

бо маҳсулот ва хизматрасонии маъмултарини молиявӣ гузаронда шуд, ба монанди:

- корти дебетӣ, ки ба суратҳисоби бонкӣ алоқаманд аст;
- суратҳисоби амонатӣ ё пасандоз;
- қарзи бонкӣ бидуни гарав;
- қарз барои харидани мошин;
- корти кредитӣ;
- қарзи ипотека ё манзил;
- қарз бо гарави амволи ғайриманқул;
- суғуртаи ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои наклиёт;
- суғуртаи амволи хона;
- интернет/банкинги мобилӣ;
- корти бонкии музди меҳнат ва нафақа;
- қарз барои харидани мол дар мағоза;

-азнавмаблағгузории қарз.

18. Аз натиҷаи таҳлили посухҳои мусоҳибон оид ба огаҳӣ доштан аз маҳсулот ва хизматрасонии молиявӣ тамоюли зерин муайян карда шуд: ба ҳисоби миёна 65% мусоҳибон изҳор доштанд, ки онҳо аз ин маҳсулот огаҳанд ва маъмултарин хизматрасонии молиявӣ кортҳои пардохтии бонкии музди меҳнат ва нафақа (91%) буда, хизматрасонии молиявии азнавмаблағгузории қарз (59%) чандон маъмул намебошад.

**Диаграммаи №3. Сатҳи огаҳӣ дар бораи маҳсулот ва хизматрасонии молиявӣ**




19. Дар тамоми минтақаҳо сатҳи огоҳии мусоҳибон аз маҳсулот ва хизматрасонии гуногун ба ҳисоби миёна аз 61% то 68%-ро ташкил медиҳад.

**Диаграммаи №4. Сатҳи огоҳӣ аз маҳсулот ва хизматрасонии молиявӣ аз рӯйи минтақа**




20. Дар асоси таҳлили ҷавобҳои мусоҳибон оид ба истифодаи маҳсулот ва хизматрасонии молиявӣ муайян карда шуд, ки 62% мусоҳибон аз кортҳои дебетӣ ва 62% мусоҳибон аз хизматрасониҳои интернет бонкинг ва бонкинги мобилӣ, кортҳои пардохтии бонкии музди меҳнат ва нафақа огоҳ мебошанд. Аз 1% то 6% мусоҳибон оид ба маҳсулот ва хизматрасонии начандон маъмул, аз қабили азнавмаблағгузории қарз, қарз бо гарави молу мулки ғайриманқул, қарз барои харидани мошин ва ипотека огоҳ мебошанд.

**Диаграммаи №5. Истифодаи маҳсулот ва хизматрасонии молиявӣ**




21. Омилҳое, ки ба интихоби маҳсулот ва хизматрасонии молиявӣ таъсир мерасонанд. Дар қисмати мазкур омилҳое таҳлил карда шудаанд, ки барои аз ҷониби мусоҳибон интихоб намудани маҳсулот ва хизматрасонии молиявӣ таъсир мерасонанд. Бо ин мақсад, ду саволи зерин мавриди омӯзиш қарор дода шуд:

- ҳангоми интихоби маҳсулот ва хизматрасонии молиявӣ мусоҳибон бештар ба чӣ диққат медиҳанд?

- кадом манбаъҳои иттилоот ба қарорҳои мусоҳибон ҳангоми интихоби маҳсулоти молиявӣ таъсири бештар доштанд?

22. Аз таҳлили ҷавоби мусоҳибон ба саволи якум маълум гардид, ки 59% мусоҳибон ба меъёри дарсадӣ ва 34% мусоҳибон ба сатҳи нуфузи ташкилоти қарзии молиявӣ таваҷҷуҳ менамоянд.

**Диаграммаи №6. Ҷанбаҳои маъмултарин ҳангоми интихоби маҳсулоти молиявӣ**




23. Дар мавриди таҳлили фарқияти таъсири манбаъҳои гуногуни иттилоот ҳангоми интихоби маҳсулоти молиявӣ аз рӯйи минтақа фарқиятҳои назаррас мушоҳида гардид. Масалан, дар вилояти Суғд 74% мусоҳибон ба тавсияҳои дӯстону наздикон ва шиносон эътимод доранд. Нишондиҳандаи мазкур дар шаҳри Душанбе 59%, дар вилояти Хатлон 57%, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 46% ва дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 35%-ро ташкил медиҳад. Таъсири дигар манбаҳои иттилоот, аз ҷумла маълумот аз шабакаҳои иҷтимоӣ, аз реклама ё варақаҳои иттилоотӣ, аз корманди бонк/ташкилот, аз мақолаҳо дар рӯзномаҳо/маҷаллаҳо/вебсайтҳо/нашрияҳои дигар ва тавсияҳо аз мушовирони мустақили молиявӣ низ дар минтақаҳо мушоҳида гардид. Ҳиссаи бештари таъсири манбаъҳои иттилоотии зикршуда ҳангоми интихоби маҳсулоти молиявӣ аз рӯйи минтақаҳо чунин аст: дар шаҳри Душанбе - маълумот аз шабакаҳои иҷтимоӣ 31%, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон - маълумот аз реклама ё варақаҳои иттилоотӣ 28%, дар вилояти Суғд маълумот аз корманди бонк/ташкилот 28%, дар вилояти Суғд тавсияҳои мушовирони мустақили молиявӣ 28%.

24. Хулосаҳои асосӣ аз рӯйи маҳсулот ва хизматрасонии молиявӣ:

- маъмултарин маҳсулоти молиявӣ корти пардохтии музди меҳнат ва нафақа мебошад, зеро 91% мусоҳибон дар бораи чунин маҳсулот иттилоъ доранд;

- ҳангоми интихоби маҳсулоти молиявӣ мусоҳибон бештар ба сатҳи меъёри дарсадӣ (59%) таваҷҷуҳ менамоянд.

25. Интернет бонкинг ва ҳамёнҳои электронӣ қисми ҷудонашавандаи воситаҳои муосири молиявӣ гардиданд, ки истифодаи онҳо омили муҳимми боло рафтани сатҳи саводнокии молиявӣ буда, зери таваҷҷуҳи махсуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон қарор дорад.

26. Бо мақсади рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар мамлакат Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар

бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» ба имзо расид, ки тибқи он аз 1-уми августи соли 2023-юм тамоми пардохтҳои давлатӣ, аз ҷумла пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозатҳо ва иҷозатномаҳо ва ғайра, пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизмати тиббӣ, коммуналӣ, дигар намудҳои хизматрасонии муздноки давлатӣ ба таври ғайринақдӣ амалӣ карда мешаванд.

27. Шумораи бештари мусоҳибон ҳамёнҳои электрониро барои пардохти ҳаққи хизматрасонии коммуналӣ (60%) истифода мебаранд, ҳиссаи пардохти хизматрасонии дигар, аз ҷумла хароҷот барои ғизо (32%), пардохти алоқаи мобилӣ ва интернет (26%), нақлиёти ҷамъиятӣ (22%) ва омӯзиш (20%)-ро ташкил медиҳад. Таҳлил нишон медиҳад, ки 23% мусоҳибон умуман хизматрасониҳои молиявиро истифода намебаранд.

28. Аксари мусоҳибон аз шаҳри Душанбе (80%), ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (62%), вилояти Суғд (70%) ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (83%) маблағи хизматрасони коммуналиро тавассути ҳамёнҳои электронӣ пардохт мекунанд. Дар вилояти Хатлон бошад, танҳо 41% мусоҳибон ҳамёни электрониро бо ин мақсад истифода мебаранд.

29. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мардҳо ҳамёнҳои электрониро нисбат ба занон барои пардохти ҳаққи тамоми намуди хизматрасонӣ бештар истифода мебаранд.

30. Дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда чунин хулоса баровардан мумкин аст:

- истифодаи васеи ҳамёнҳои электронӣ: аксари мусоҳибон ҳамёнҳои электрониро барои пардохти ҳаққи хизматрасонии коммуналӣ 60% (53% барои баҳрабардорон) истифода мебаранд, ба категорияҳои дигари пардохтҳои маъмул хариди ғизо, хизматрасонии алоқаи мобилӣ ва интернет, инчунин нақлиёти ҷамъиятӣ ва таҳсилот дохил мешаванд;

- фарқияти минтақавӣ: оид ба истифодаи ҳамёнҳои электронӣ дар минтақаҳои гуногун фарқиятҳои назаррас мавҷуданд, масалан сокинони Душанбе барои пардохти хизматрасонии нақлиёти ҷамъиятӣ аз ҳамёнҳои электронӣ фаъолона истифода мекунанд (61%), дар ҳоле ки дар минтақаҳои дигар ин нишондод хеле кам аст, сокинони вилояти Суғд ҳамёнҳои электрониро бо мақсадҳои гуногун, аз қабили пардохти ҳаққи таҳсил (38%), хизматрасонии тиббӣ ва харидани асбобҳои электронӣ фаъолона истифода мебаранд;

- фарқияти ҷинсӣ дар истифодаи бонкдории мобилӣ: мардҳо дар муқоиса бо занон (мардҳо 42% ва занон 22%), бахусус барои хариди маҳсулоти хӯрокворӣ аз ҳамёнҳои электронӣ бештар истифода мебаранд, ки ин метавонад ба нақши «анъанавии» иҷтимоии мардҳо ҳамчун «таъмингар» вобаста бошад;

- таъсири маориф ба истифодаи ҳамёнҳои электронӣ: шахсони дорои маълумоти олӣ нисбат ба онҳое, ки танҳо маълумоти миёнаи умумӣ доранд, бештар аз пардохтҳои ғайринақдӣ истифода мебаранд;

- фарқияти синну сол: мусоҳибони аз 55-сола боло ҳамёнҳои электрониро кам истифода мебаранд, ки мушкилоти наслҳои калонсолро дар қабули технологияҳои рақамии молиявӣ инъикос менамояд.

31. Аз натиҷаи тадқиқот чунин бармеояд, ки бонкдории мобилӣ ва ҳамёнҳои электронӣ ба як воситаи муҳимми идоракунии молиявӣ табдил мёбанд, аммо истифодаи онҳо вобаста ба минтақа, ҷинс, синну сол ва сатҳи таҳсилот фарқ мекунад.

32. Наздик ҷойгир шудани намояндагиҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба манзили истиқоматӣ барои 21% мусоҳибон муҳим аст. Ин омил махсусан барои мусоҳибон аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (38%) ва вилояти Суғд (34%) муҳим мебошад. Чунин омил аз дастрас набудани шуъбаҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар минтақаҳои дурдаст, аз ҷумла деҳот шаҳодат медиҳад, ки барои онҳо мавқеи ҷойгиршавии ташкилотҳои қарзии молиявӣ нақши муҳим дорад.

33. Ҳиссаи зиёди мусоҳибон (43%) зимни интихоби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба сифати хуби хизматрасонӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Дар вилояти Хатлон барои 48% ва дар вилояти Суғд 52% мусоҳибон сифати хуби хизматрасонӣ муҳим мебошад.

34. Дар байни гурӯҳҳо аз рӯйи синну сол (аз 18 то 24-сола) 42% мусоҳибон ҷиҳати интихоби ташкилотҳои қарзию молиявӣ бештар аз тавсияҳои шахсони дигар истифода менамоянд. Ҳолати мазкур гувоҳи он аст, ки тавсияҳои шахсони дигар зимни интихоби ташкилоти қарзии молиявӣ ва хизматрасонии онҳо омили муҳим барои ҷавонон боқӣ мемонанд ва ин гурӯҳи аҳолӣ ба боз ҳам баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ ниёз доранд.

35. Солҳои охир амалҳои қаллобӣ дар шабакаи интернет афзуда истодаанд, ки ба рушди истифодаи технологияҳои рақамӣ ва платформаҳои онлайн алоқаманд мебошад. Дар маҷмуъ, 60% мусоҳибон посух доданд, ки онҳо ҳеҷ гоҳ ба амалҳои қаллобон дар шабакаи интернетӣ дучор нагардидаанд, аммо дар бораи ин гуна ҳолатҳо аз расонаҳо ва дигар манбаъҳои иттилоотӣ шунидаанд. Бо вуҷуди ин, 33% қайд карданд, ки онҳо шахсан бо амалҳои қаллобӣ дар шабакаи интернет дучор нашудаанд, лекин дар ин бора маълумот доранд, ки ин аз сатҳи баланди огоҳӣ дар баъзе минтақаҳо шаҳодат медиҳад. Танҳо 4% мусоҳибон шахсан амалҳои қаллобии онлайнро аз сар гузаронидаанд ва 3% дигар қайд намуданд, ки наздикони онҳо ба чунин амалҳо дучор гардиданд.

**Диаграммаи №7. Паҳншавии амалҳои қаллобӣ дар интернет, аз рӯйи минтақаҳо**



36. Тамоюли тағйирёбии сатҳи умумии саводнокии молиявии аҳолӣ дар солҳои 2020-ум ва 2024-ум: муқоисаи натиҷаҳои солҳои 2020-ум ва 2024-ум тамоюли болоравии сатҳи умумии саводнокии молиявии аҳолиро нишон медиҳад. Аз натиҷаи таҳлилҳо маълум гардид, ки соли 2024-ум индекси саводнокии молиявӣ дар муқоиса ба соли 2020-ум ба андозаи 10% афзоиш ёфта, аз 41% ба 51% расидааст.

37. Тақсимоти сатҳи саводнокии молиявӣ дар байни аҳолӣ низ тағйир ёфтааст. Ҳиссаи мусоҳибон бо сатҳи хеле пасти саводнокии молиявӣ аз 2,5% дар соли 2020-ум то 1% дар соли 2024-ум кам гардидааст. Ҳиссаи мусоҳибони дорои сатҳи пасти саводнокии молиявӣ аз 48,1% то 22,6% коҳиш ёфтааст, ки ин аз афзоиши шумораи шахсони дорои сатҳи муносиби саводнокии молиявӣ шаҳодат медиҳад. Дар баробари ин, ҳиссаи мусоҳибоне, ки сатҳи миёнаи саводнокии молиявӣ доранд, аз 45,7% ба 51,2% ва ҳиссаи дорои сатҳи баланд аз 3,6% то 23,9% зиёд гардидааст. Ҳиссаи мусоҳибони дорои сатҳи хеле баланди саводнокии молиявӣ низ дар муқоиса ба соли 2020-ум афзоиш ёфтааст.

**Диаграммаи №8. Индекси саводнокии молиявӣ миёни аҳолӣ дар солҳои 2020-ум ва 2024-ум**




38. Натиҷаи таҳлили индекси саводнокии молиявии аҳолӣ аз рӯйи минтақаҳо чунин аст: нишондиҳандаи мазкур дар шаҳри Душанбе 14,8% нисбат ба соли 2020-ум афзоиш ёфта, ба 51,6% дар соли 2024-ум баробар гардид. Дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бошад, афзоиш 10,3%-ро ташкил дода, ба 51,9% дар соли ҳисоботӣ баробар гардид. Инчунин, тамоюли мазкур дар вилоятҳои Хатлон ва Суғд ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон идома ёфта, мутаносибан ба 7,3%, 17,1% ва 10,3% афзоиш ёфта, индекси мазкур ба 47,8%, 53,5% ва 48,8% дар соли 2024-ум баробар гардидааст.

**Диаграммаи №9. Индекси саводнокии молиявӣ миёни аҳолӣ дар солҳои 2020-ум ва 2024-ум аз рӯйи минтақаҳо**




39. Таҳлили тағйироти индекси саводнокии молиявии аҳолӣ аз рӯйи синну сол нишон медиҳад, ки дар ҳамаи гурӯҳҳои синну сол афзоиши индекси саводнокии молиявӣ дар давраи солҳои 2020-ум ва 2024-ум мушоҳида мешавад:

- гурӯҳи 18-24-сола 10,5 банди дарсадӣ афзоиш ёфта, ба 51,1% баробар гардидааст;
- гурӯҳи 25-34-сола 8,6 банди дарсадӣ зиёд шуда, ба 50,2% баробар гардидааст;
- гурӯҳи 35-44-сола 10,8 банди дарсадӣ зиёд шуда, ба 52,4% баробар гардидааст;
- гурӯҳи 45-54-сола 10,5 банди дарсадӣ зиёд шуда, ба 52,3% баробар гардидааст;
- гурӯҳи 55-сола ва калонтар 10,6 банди дарсадӣ зиёд шуда, ба 49,2%, баробар гардидааст.

40. Ҳамин тариқ, аз таҳлили гурӯҳҳои синнусолӣ маълум мегардад, ки индекси саводнокии молиявӣ миёни ҳамаи синну сол, аз ҷавонони 18-24-сола ва то гурӯҳи 55-сола ва калонтар афзоиш ёфтааст.

**Диаграммаи №10. Индекси саводнокии молиявӣ миёни аҳолӣ дар солҳои 2020-ум ва 2024-ум аз рӯйи категорияҳои синну сол**



41. Нишондиҳандаҳои индекси саводнокии молиявӣ бозгӯи он аст, ки сатҳи саводнокии молиявии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи миёна қарор дошта, дар муқоиса бо соли 2020-ум тамоюли баландшавӣ дорад, ки аз самаранокии тадбирҳои андешидашуда дар самти баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ шаҳодат медиҳанд.

42. Натиҷаи муқоисаи нишондиҳандаҳои саводнокии молиявӣ барои солҳои 2020-ум ва 2024-ум дар ҷадвали зерин оварда шудааст:

**Ҷадвали нишондиҳандаҳои саводнокии молиявӣ дар солҳои 2020-ум ва 2024-ум**

| № | Номгӯйи нишондиҳанда | | Зернишондиҳандаҳо | Аҳолӣ соли 2020 | Аҳолӣ соли 2024 | Бахрабардорон соли 2024 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | **Нишондиҳандаи №1. Сатҳи донишҳои молиявӣ** | 1.1. | Истифодаи амалии консепсияҳои ибтидоии молиявӣ дар ҳаёти ҳаррӯза | **39%** | **45%** | **44%** |
| | | 1.2. | Дарки истилоҳоти иқтисодӣ, ба мисли таваррум | | | |
| | | 1.3. | Қобилияти фарқ намудани мулоҳизаҳои дуруст аз нодуруст дар доираи молиявӣ | | | |
| 2 | **Нишондиҳандаи №2. Рафтори молиявӣ** | 2.1. | Пешбурди буҷети оилавӣ | **52%** | **53%** | **57%** |
| | | 2.2. | Қобилияти паси сар намудани мушкилоти молиявӣ | | | |
| | | 2.3. | Мавҷуд будани пасандоз барои ҳолатҳои ғайричашмдошт | | | |
| | | 2.4. | Одатҳои молиявӣ, мисли фикри харид, афзалияти пасандоз нисбат ба хароҷоти ҷорӣ ва мавҷудияти мақсадҳои молиявӣ | | | |
| 3 | **Нишондиҳандаи №3. Сатҳи фарогирии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ** | 3.1. | Истифода бурдани 2 (ду) ва зиёда маҳсулоти молиявӣ (кортҳо, кредитҳо, депозитҳо ва ғайра) дар 2 соли охир | **15%** | **63%** | **79%** |
| 4 | **Нишондиҳандаи №4. Сатҳи эътимод ба институтҳои молиявӣ** | 4.1. | Тағйир ёфтани сатҳи эътимод ба бонкҳо дар 10 соли охир | **61%** | **60%** | **68%** |
| 5 | **Нишондиҳандаи №5. Сатҳи банақшагирӣ ва мақсадҳои молиявӣ** | 5.1. | Мавҷуд будани мақсадҳои молиявӣ | **29%** | **25%** | **30%** |
| | | 5.2. | Мавҷуд будани мақсадҳои дарозмуддати молиявӣ ва кӯшиши расидан ба онҳо | | | |
| | | 5.3. | Стратегияҳои расидан ба мақсадҳои молиявӣ | | | |
| **Ҳамагӣ** | **Индекси саводнокии молиявӣ** | | **ИИСМ = (ИДМ×w1) + (ИРМ×w2) + (ИФАХМ×w3) + (ИЭИМ×w4) + (ИБҲМ×w5)** | **41%** | **51%** | **54%** |

## 3. МУШКИЛОТҲОИ АСОСӢ ДАР САМТИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САВОДНОКИИ МОЛИЯВИИ АҲОЛӢ

43. Таҳлилҳои гузарондашуда муайян намуд, ки дар самти саводнокии молиявии аҳолӣ чунин мушкилотҳои асосӣ ҷой дорад:

- огаҳии нокифояи истеъмолкунандагони хизматрасонии молиявӣ дар бораи маҳсулот ва хизматрасонии молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ки боиси интихоби нодурусти маҳсулот, имзои шартномаҳои барои истеъмолкунандагон номувофиқ ва ба миён омадани нофаҳмӣ ҳангоми истифодаи хизматрасониҳои молиявӣ мегардад;
- нисбатан паст будани сатҳи саводнокии молиявии истеъмолкунандагони хизматрасонии молиявӣ ва қобилияти қабули қарорҳои асоснок оид ба интихоб ва истифодаи маҳсулот ё хизматрасониҳои молиявӣ, ки боиси қабули қарорҳои молиявии нодуруст мегардад;
- паст будани сатҳи огоҳии аҳолӣ оид ба масъалаҳои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, ки метавонад ба афзоиши ҳолатҳои поймолшавии ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва коҳиш ёфтани эътимоди онҳо ба низоми бонкии мамлакат мусоидат намояд;
- маҳдуд будани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии машваратии касбии молиявӣ ба шаҳрвандон, ки боиси паст гардидани сатҳи саводнокии молиявӣ, сифати қабули қарорҳои молиявӣ ва коҳиш ёфтани самаранокии истифодаи маблағҳои шахсӣ мегардад;
- зарурати ташаккул додани муносибати масъулиятноки истеъмолкунандагони хизматрасонии молиявӣ нисбат ба уҳдадориҳои молиявии худ, ки дар сурати риоя нашудан боиси зиёд гардидани қарзҳои бебозгашт, паст шудани устувории низоми бонкӣ ва афзоиши хавфи молиявӣ мегардад;
- маҳдуд будани дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти молиявии рақамӣ дар деҳот, бахусус дар минтақаҳои дурдасти мамлакат, ки боиси афзоиши нобаробарии иқтисодӣ байни шаҳр ва деҳот гардида, имкониятҳои рушди фарогирро маҳдуд месозад;
- ҷой доштани фарқияти назаррас дар сатҳи саводнокии молиявӣ байни шаҳр ва деҳот, ки боиси афзоиши нобаробарии иҷтимоӣ, хатарҳои молиявӣ ва қарздорӣ гардида, ба рушди иқтисодии деҳот таъсири манфӣ мерасонад;
- мавҷуд набудани барномаҳои махсуси таълимӣ оид ба саводнокии молиявӣ барои гурӯҳҳои мақсадноки аҳолӣ, аз ҷумла ҷавонон, занон, муҳоҷирон, маъюбон ва калонсолон, ки боиси аз равандҳои иқтисодии кишвар дур мондани ин гурӯҳҳо мегардад;
- паст будани сатҳи огаҳии аҳолӣ аз тарзу усули амалҳои қаллобон дар шабакаҳои интернет, ки ба афзоиши талафоти молиявӣ, паст шудани эътимод ба хизматрасониҳои рақамӣ ва суст шудани ҷараёни рақамисозии иқтисод оварда мерасонад, ки яке аз самтҳои калидииислоҳоти иқтисодии даврони муосир маҳсуб мешавад.

## 4. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ БАРНОМА

44. Мақсади Барнома ташаккул додани рафтори оқилонаи молиявии шаҳрвандон ҳангоми қабули қарорҳо оид ба маблағҳои шахсӣ, таъмини ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо, ҳамчун сармоягузор ва истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии шаҳрвандон тавассути истифодаи маҳсулот ва хизматрасонии босифати молиявӣ мебошад.

45. Рушди саводнокии молиявӣ тавассути тадбирҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- ба роҳ мондани фаъолияти ҳамоҳанги вазорату идораҳо, инчунин таҳкими ҳамкории байниидоравӣ ҷиҳати иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ;
- истифодаи васеи воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои интернет ҷиҳати ба маълумоти аҳолӣ расондани моҳияти дастгириҳои давлатӣ, ки ба таҳкими баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ нигаронида шудаанд, инчунин чорабиниҳои саводнокии баргузоршаванда;
- баргузор намудани чорабиниҳои маърифатӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ, бахусус ҷавонон, занон, муҳоҷирон, маъюбон ва калонсолон;
- ташкили низоми захираҳои иттилоотии самаранок ва дастрас, аз ҷумла рақамӣ дар соҳаи саводнокии молиявӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасонии молиявӣ;
- ҷалби васеи тамошобинон тавассути воситаҳои гуногуни электронӣ (порталҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ, почтаи электронӣ, чатҳо ва ғайра);
- таҳияи маҳсулоти рақамӣ оид ба саводнокии молиявӣ, аз ҷумла барномаҳои таълимӣ ва зеҳнӣ;
- ташкил ва баргузории чорабиниҳои мавзуӣ бо истифодаи технологияҳои рақамӣ, аз қабили онлайн викторинаҳо, озмунҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва саҳифаҳои интернет бо мақсади васеъ намудани дастрасӣ ва ҷалби истеъмолкунандагон ба раванди афзун намудани саводнокии молиявӣ;
- таҳия ва дар байни аҳолӣ паҳн намудани варақаҳои иттилоотӣ оид ба саводнокии молиявӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасонии молиявӣ;
- таблиғи бештари хавфҳои молиявӣ ва амалҳои қаллобони молиявӣ ҷиҳати пешгирии масъалаҳои зикршуда дар байни аҳолӣ, бахусус истифодабарандагони хизматрасонии молиявӣ;
- истифодаи таҷрибаи ихтиёриён (волонтёрӣ) барои пешбурди саводнокии молиявӣ, бахусус муҳиммияти ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар байни аҳолӣ.

46. Вазифаҳои асосии Барнома:

- ҳамоҳангсозии фаъолияти бахши молиявӣ ва мақомоти давлатӣ, инчунин таҳвилгарони давлатӣ ва хусусии таълими молиявӣ;

- омӯзиши эҳтиёҷоти қишрҳои аҳолӣ ба саводнокии молиявӣ, инчунин таъсири хусусиятҳои фарҳангӣ, тафаккур ва муайян кардани қишрҳои афзалиятнок;

- таҳияи барномаҳои инфиродӣ барои фарогирии гурӯҳҳои мақсадноки аҳолӣ (ба монанди ҷавонон, занон, муҳоҷирон, маъюбон ва калонсолон);

- таъмини амнияти молиявӣ ва ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон - баланд бардоштани сатҳи донишу малакаи аҳолӣ дар самти истифодаи бехатари хизматрасониҳои молиявӣ, мубориза бо амалҳои қаллобони молиявӣ ва таҳкими эътимод ба низоми молиявии мамлакат;

- ташаккули фарҳанги молиявии аҳолӣ, ки ба баланд гардидани устуворӣ ва мустақилияти молиявии шаҳрвандон ва таҳкими некуаҳволии иҷтимоию иқтисодии оилаҳо ва ҷомеа мусоидат менамояд.

## 5. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ БАРНОМА

47. Самтҳои афзалиятноки зерин муайян карда мешаванд:

- васеъ намудани фарогирӣ ва огаҳии истеъмолкунандагон оид ба маҳсулот ва хизматрасонии молиявӣ, инчунин ҳуқуқҳои худ ҳангоми истифодаи онҳо;

- баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии гурӯҳҳои мақсадноки аҳолӣ дар тамоми зинаҳои низоми таълим (миёна, касбӣ ва олӣ) бо истифода аз шаклҳои анъанавӣ ва рақамӣ;

- пешгирии амалҳои ноодилона нисбат ба истеъмолкунандагони хизматрасонии молиявӣ;

- рушди механизмҳои ҳамкории истеъмолкунандагони хизматрасонии молиявӣ бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ;

- амалисозии барномаҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи огаҳӣ дар бораи муҳиммияти саводнокии молиявӣ;

- истифодаи воситаҳои гуногуни коммуникатсионӣ оид ба масъалаҳои муҳимми саводнокии молиявӣ ва фарҳанги молиявӣ бо мақсади ташаккул ва таҳкими малакаҳои рафтори молиявии шаҳрвандон;

- таъмини дастрасии самаранок ва баробар ба хизматрасониҳои молиявӣ;

- гузаронидани чорабиниҳои мақсадноки иттилоотию маърифатӣ барои гурӯҳҳои алоҳидаи шаҳрвандон;

- таъмини омодасозии мутахассисон дар соҳаи саводнокии молиявӣ;

- мониторинг ва арзёбии сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ.

## 6. НАТИҶАҲОИ ЧАШМДОШТ ВА АРЗЁБИИ ХАВФҲОИ ЭҲТИМОЛИИ БАРНОМА

48. Натиҷаҳои чашмдошти Барнома чунин мебошанд:

- истифодаи васеи воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои интернет ҷиҳати ба маълумоти аҳолӣ расонидани моҳияти дастгириҳои давлатӣ, ки ба таҳкими баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ нигаронида шудаанд, инчунин чорабиниҳои саводнокии баргузоршаванда;

- рушди малакаҳои банақшагирии молиявӣ ва ташаккули захираҳо аз ҷониби шаҳрвандон барои ҳолатҳои фавқулодда;

- ташаккули намуди нави тафаккури шаҳрвандон, ки муносибат ба рафтори фаъоли иқтисодиро дар бар мегирад ва ба имкониятҳои молиявии онҳо мувофиқ аст;

- зиёд намудани боварии истеъмолкунандагони хизматрасонии молиявӣ ба самти молиявӣ;

- баланд бардоштани фаъолияти умумии иқтисодии аҳолӣ, дастгирии соҳибкорӣ ва ташкили тиҷорати худ;

- афзун намудани самаранокӣ ва фарогирии фаъолияти саводнокии молиявӣ тавассути истифодаи қарорҳои рақамӣ;

- қабули қарорҳои дурусти иқтисодӣ аз ҷониби истифодабарандагони хизматрасонии молиявӣ;

- фароҳам овардани замина барои гузаронидани таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои муҳимми саводнокии молиявӣ.

49. Барои амалигардонии Барнома метавонанд хавфҳои зерин таъсири манфӣ расонанд:

- пурра маблағгузорӣ нагардидани чорабиниҳои пешбинишуда ё самаранок истифода нашудани маблағҳо;

- сатҳи пасти ҳавасмандӣ ва иштироки гурӯҳҳои мақсадноки аҳолӣ, бахусус калонсолон дар чорабиниҳои омӯзишӣ оид ба саводнокии молиявӣ ва аз худ намудани донишҳои молиявӣ;

- маҳдудият ё сатҳи пасти суръати интернет дар минтақаҳои дурдаст, ки ба дастрасии гурӯҳҳои мақсадноки аҳолӣ ба маводди иттилоотиву омӯзишӣ, ки оид ба саводнокии молиявӣ аз ҷониби мақомоти дахлдор омода гардида, дар сомона ва саҳифаҳои расмӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҷойгир карда мешаванд, монеъ мегардад;

- норасоӣ ё сатҳи нокифояи касбияти мутахассисоне, ки барои ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳо оид ба саводнокии молиявӣ бо гурӯҳҳои мақсадноки аҳолӣ омода карда мешаванд;

- дар сатҳи дахлдор ба роҳ монда нашудани ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти дахлдор, ки барои таъмини иҷрои самараноки чорабиниҳои Барнома масъулият доранд.

50. Барои амалигардонии Барнома инчунин метавонад тағйирёбии вазъи макроиқтисодӣ, ноустувории нишондиҳандаҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ва миллӣ таъсири манфӣ расонад.

## 7. МАБЛАҒГУЗОРИИ БАРНОМА

51. Маблағгузории Барнома аз ҳисоби маблағҳои масъули иҷрои чорабиниҳо дар асоси таҳлили хароҷот ва давомнокии ҳар як чорабинии Барнома, маблағҳои Бонки миллии Тоҷикистон, маблағгузории шарикони рушд ва сарчашмаҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, амалӣ карда мешавад.

52. Ҳаҷми умумии маблағгузории Барнома 17 241 850 сомониро ташкил медиҳад.

## 8. МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ АМАЛИГАРДОНИИ БАРНОМА

53. Мониторинг ва арзёбии Барнома аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

54. Мониторинг ва арзёбии Барнома дар асоси талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 «Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузаронида мешавад.

## 9. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

55. Бонки миллии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо барои таъмини иҷрои самараноки Барномаи мазкур масъулият доранд.

56. Бонки миллии Тоҷикистон доир ба чараёни иҷрои Барномаи баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ барои солҳои 2026-2030 ва Нақшаи чорабиниҳои амалигардонии он ҳамасола тибқи тартиби муқарраргардида ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ маълумот пешниҳод менамояд.

Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «26» феврали соли 2026, №75

Нақшаи чорабиниҳои амалигардонии
Барномаи баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ барои солҳои 2026-2030

| № | Номгӯйи чорабиниҳо | Иҷрокунандагон | Натиҷаи ниҳоӣ | Мӯҳлати иҷро | Ҳаҷми маблағ | Сарчашмаи маблағгузорӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | **Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои молиявӣ** | **Шарикони рушд** |
| 1 | Баргузор намудани чорабиниҳои маърифатӣ дар самти саводнокии молиявӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва маълумот дар бораи маҳсулот ва хизматрасониҳои гуногуни молиявӣ (хизматрасониҳои молиявии рақамӣ, бонкдории исломӣ, суғурта ва ғайра) | Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои молиявӣ ва шарикони рушд | Васеъ шудани доираи фарогирӣ ва сатҳи огаҳии истеъмолкунандагон оид ба маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявӣ | 2026 | 1 785 000 | 1 517 200 | 267 800 |
| | | | | 2027 | 1 856 400 | 1 577 900 | 278 500 |
| | | | | 2028 | 1 930 600 | 1 641 000 | 289 600 |
| | | | | 2029 | 2 007 800 | 1 706 600 | 301 200 |
| | | | | 2030 | 2 080 200 | 1 767000 | 313 200 |
| | | | | **Ҳамагӣ** | **9 660 000** | **8 209 700** | **1 450 300** |
| 2 | Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ дар самти саводнокии молиявӣ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, касбӣ ва олӣ | Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии | Баланд шудани сатҳи саводнокии молиявии наврасон ва ҷавонон дар тамоми зинаҳои низоми таълим | 2026 | 408 000 | 346 800 | 61 200 |
| | | | | 2027 | 424 300 | 360 700 | 63 600 |
| | | | | 2028 | 441 300 | 375 100 | 66 200 |
| | | | | 2029 | 458 900 | 390 100 | 68 800 |
| | | | | 2030 | 477 300 | 405 700 | 71 600 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои молиявӣ ва шарикони рушд | | **Ҳамагӣ** | **2 209 800** | **1 878 400** | **331 400** |
| 3 | Таҳия ва ҷорӣ намудани барномаҳои махсуси дохилибонкӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ аз амалҳои қаллобони молиявӣ, инчунин амалӣ намудани корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати ташаккули рафтори бехатари онҳо ҳангоми истифодаи хизматрасониҳои молиявии рақамӣ | Ташкилотҳои молиявӣ | Ҳимоя гардидани истеъмолкунандаго и хизматрасониҳои молиявӣ аз амалҳои қаллобони молиявӣ дар шабакаҳои интернетӣ | 2027 | Аз ҷониби ташкилотҳои молиявӣ муайян карда мешавад | **Ташкилотҳои молиявӣ** | |
| 4 | Ташкили фаъолияти донишҷӯёни волонтёр барои пешбурди саводнокии молиявӣ байни хонандагони таҳсилоти миёнаи умумӣ, касбӣ ва олӣ | Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ассосиатсияи бонкҳои Тоҷикистон, Ассосиатсияи ташкилотҳои молиявии Тоҷикистон ва ташкилотҳои молиявӣ | Тарғиби донишҳои иқтисодӣ ва шаклгирии алакаҳои зарурӣ дар соҳаи молиявӣ миёни хонандагон | 2026 | 66 800 | 66 800 | 0 |
| | | | | 2027 | 69 500 | 69 500 | 0 |
| | | | | 2028 | 72 300 | 72 300 | 0 |
| | | | | 2029 | 75 100 | 75 100 | 0 |
| | | | | 2030 | 78 000 | 78 000 | 0 |
| | | | | **Ҳамагӣ** | **361 700** | **361 700** | **0** |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 5 | Тарҳрезӣ намудани замимаи мобилии «Fingramtj Online» | Бонки миллии Тоҷикистон ва шарикони рушд | Зиёд шудани шумораи шахсоне, ки даромаду хароҷотҳои худро қайд менамоянд | 2027 | **328 200** | **Шарикони рушд** | |
| 6 | Баргузории чорабиниҳои маърифатӣ дар доираи маъракаҳои байналмилалӣ (Global money week, World savings day, World entrepreneur's day ва ғайра) | Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ассосиатсияи бонкҳои Тоҷикистон, Ассосиатсияи ташкилотҳои молиявии Тоҷикистон, Ассотсиатсияи миллии ташкилотҳои суғуртавии Тоҷикистон, ташкилотҳои молиявӣ ва шарикони рушд | Ташаккули малакаҳои қабули қарорҳои дурусти молиявӣ байни хурдсолон, наврасон ва ҷавонон ва зиёд намудани таваҷҷуҳ ба саводнокии молиявӣ | 2026 | 80 000 | 48 000 | 32 000 |
| | | | | 2027 | 83 200 | 50 000 | 33 200 |
| | | | | 2028 | 86 500 | 52 000 | 34 500 |
| | | | | 2029 | 90 000 | 54 000 | 36 000 |
| | | | | 2030 | 93 600 | 56 000 | 37 600 |
| | | | | **Ҳамагӣ** | **433 300** | **260 000** | **173 300** |
| 7 | Ҷоннок намудани корҳо вобаста ба пешниҳоди маълумоти зарурӣ барои истеъмолкунандагон оид ба шартҳои гирифтани хизматрасониҳои молиявӣ, ҳалли баҳсҳо ва ҳолатҳои мунокиша | Бонки миллии Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ассосиатсияи бонкҳои Тоҷикистон, Ассосиатсияи ташкилотҳои молиявии Тоҷикистон ва ташкилотҳои молиявӣ | Пешгирии амалҳои ноодилона нисбат ба истеъмолкунандаго и хизматрасониҳои молиявӣ | 2026 - 2030 | **Талаб намекунад** | | |
| 8 | Ҳамкории зич бо воситаҳои ахбори | Бонки миллии Тоҷикистон, | Амалисозии барномаҳо оид | 2026 | 160 000 | 128 000 | 32 000 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | омма ва истифодаи фаъоли шабакаҳои иҷтимоӣ | Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои молиявӣ ва шарикони рушд | ба баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар бораи муҳиммияти саводнокии молиявӣ | 2027 | 166 400 | 133 100 | 33 300 |
| | | | | 2028 | 173 000 | 138 400 | 34 600 |
| | | | | 2029 | 180 000 | 144 000 | 36 000 |
| | | | | 2030 | 187 100 | 149 700 | 37 400 |
| | | | | **Ҳамагӣ** | **866 500** | **693 200** | **173 300** |
| 9 | Таҳия ва тақсимоти варақаҳои иттилоотӣ ҷиҳати огоҳ намудани аҳолӣ аз амалҳои қаллобони молиявӣ | Бонки миллии Тоҷикистон, ташкилотҳои молиявӣ ва шарикони рушд | Воқифсозии аҳолӣ ва пешгирӣ аз амалҳои қаллобони молиявӣ | 2026 | 75 600 | 52 900 | 22 700 |
| | | | | 2027 | 78 600 | 55 000 | 23 600 |
| | | | | 2028 | 81 800 | 57 300 | 24 500 |
| | | | | 2029 | 85 000 | 59 500 | 25 500 |
| | | | | 2030 | 88 400 | 61 900 | 26 500 |
| | | | | **Ҳамагӣ** | **409 400** | **286 600** | **122 800** |
| 10 | Дастгирӣ ва рушди портали ягонаи интернетии Бонки миллии Тоҷикистон вобаста ба саводнокии молиявӣ (www.fingram.tj), аз ҷумла пур кардани бахшҳои портал бо маълумоти актуалӣ оид ба донишҳои асосӣ вобаста ба молия, саводнокии рақамӣ, бонкдории исломӣ, суғурта, андоз, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва ғайра | Бонки миллии Тоҷикистон | Истифодаи воситаҳои гуногуни коммуникатсионӣ оид ба масъалаҳои мубрами саводнокии молиявӣ ба ташаккул ва таҳкими малакаҳои рафтори молиявии шаҳрвандон мусоидат менамояд | 2026 | 16 250 | 16 250 | 0 |
| | | | | 2027 | 16 900 | 16 900 | 0 |
| | | | | 2028 | 17 500 | 17 500 | 0 |
| | | | | 2029 | 18 200 | 18 200 | 0 |
| | | | | 2030 | 19 000 | 19 000 | 0 |
| | | | | **Ҳамагӣ** | **87 850** | **87 850** | **0** |
| 11 | Таблиғи хизматрасониҳои рақамии бонкӣ ва суғуртавӣ (онлайн кушодани суратҳисоби пасандозӣ, гирифтани қарз, дархости корти бонкӣ, гирифтани полисҳои суғуртавӣ ва ғайра) | Бонки миллии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои молиявӣ ва шарикони рушд | Дастрасии самаранок ва баробар ба хизматрасониҳои молиявӣ таъмин мегардад | 2026 | 20 000 | 16 000 | 4 000 |
| | | | | 2027 | 20 800 | 16 600 | 4 200 |
| | | | | 2028 | 21 600 | 17 300 | 4 300 |
| | | | | 2029 | 22 500 | 18 000 | 4 500 |
| | | | | 2030 | 23 400 | 18 700 | 4 700 |
| | | | | **Ҳамагӣ** | **108 300** | **86 600** | **21 700** |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 12 | Таблиғи истифодабарии воситаҳои пардохти электронӣ (кортҳои бонкӣ, ҳамёнҳои мобилӣ ва ғайра) | Бонки миллии Тоҷикистон, Ассосиатсияи бонкҳои Тоҷикистон, Ассосиатсияи ташкилотҳои молиявии Тоҷикистон ва ташкилотҳои молиявӣ | Иқдомҳои гуногун аҳолиро ҳавасманд менамоянд, то ки онҳо воситаҳои пардохти электрониро зиёдтар истифода баранд | 2026 | 48 000 | 48 000 | 0 |
| | | | | 2027 | 50 000 | 50 000 | 0 |
| | | | | 2028 | 52 000 | 52 000 | 0 |
| | | | | 2029 | 54 000 | 54 000 | 0 |
| | | | | 2030 | 56 000 | 56 000 | 0 |
| | | | | **Ҳамагӣ** | **260 000** | **260 000** | **0** |
| 13 | Зиёд намудани шумораи вохӯриҳо, намоиши хизматрасониҳои молиявӣ, маъракаҳо ва иқдомҳои гуногун аз ҷониби ташкилотҳои молиявӣ барои гурӯҳҳои мақсадноки аҳолӣ, бахусус ҷавонон, занон, муҳоҷирон, маъюбон ва калонсолон | Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ассосиатсияи бонкҳои Тоҷикистон, Ассосиатсияи ташкилотҳои молиявии Тоҷикистон, ташкилотҳои молиявӣ ва шарикони рушд | Мунтазам баргузор намудани вохӯриҳо эътимоди аҳолиро зиёд намуда, вобаста ба тамоми хизматрасониҳои аз ҷониби ташкилотҳои молиявӣ пешниҳодшаванда аҳолиро воқиф месозад | 2026 | 255 000 | 229 500 | 25 500 |
| | | | | 2027 | 265 200 | 238 700 | 26 500 |
| | | | | 2028 | 275 800 | 248 200 | 27 600 |
| | | | | 2029 | 286 800 | 258 100 | 28 700 |
| | | | | 2030 | 298 300 | 268 500 | 29 800 |
| | | | | **Ҳамагӣ** | **1 381 100** | **1 243 000** | **138 100** |
| 14 | Баргузории чорабиниҳои маърифатӣ барои кӯдакони ятим, бепарастор ва дорои имкониятҳои маҳдуд | Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои молиявӣ ва шарикони рушд | Баланд шудани сатҳи саводнокии молиявии кӯдакони ятим, бепарастор ва дорои имкониятҳои маҳдуд | 2026 | 110 000 | 88 000 | 22 000 |
| | | | | 2027 | 114 400 | 91 500 | 22 900 |
| | | | | 2028 | 119 000 | 95 200 | 23 800 |
| | | | | 2029 | 123 700 | 99 000 | 24 700 |
| | | | | 2030 | 128 600 | 102 900 | 25 700 |
| | | | | **Ҳамагӣ** | **595 700** | **476 600** | **119 100** |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 15 | Такмили ихтисоси кормандони ташкилотҳои молиявӣ, ки бо истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ҳамкорӣ мекунанд | Бонки миллии Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ассоциатсияи бонкҳои Тоҷикистон, Ассоциатсияи ташкилотҳои молиявии Тоҷикистон ва ташкилотҳои молиявӣ | Кам кардани ҳолатҳое, ки бо истифодаи нодурусти маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявӣ алоқаманданд | 2026 - 2030 | **Талаб намекунад** | | |
| 16 | Гузаронидани тадкиқот оид ба арзёбии сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ | Бонки миллии Тоҷикистон ва шарикони рушд | Муайян намудани сатҳи саводнокии молиявӣ, арзёбии самаранокии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон, таҳияи тадбирҳо оид ба баланд бардоштани саводнокии молиявӣ дар асоси натиҷаҳои тадқиқоти иҷтимоӣ | 2028 | **540 000** | **Шарикони рушд** | |
| 17 | **Ҳамагӣ** | | | | **17 241 850** | **13 843 650** | **3 398 200** |